# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ МОНИТОРИНГИ ЭКОЛОГӢ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 174)**

(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120, аз 13.11.2024 № 2097)

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини мониторинги экологиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд ва муносибатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро дар ин соҳа ба танзим медарорад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **таъсири антропогенӣ** - маҷмуи таъсиррасонии мустақим ва ғайримустақими фаъолияти инсон ба муҳити зист (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097);

- **ифлосшавии муҳити зист** - дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ё дигар намуди фаъолияти инсон ба микдори (консентратсияи) аз андозаи миёнаи бисёрсолаи табиӣ зиёд (дар ҳудуди тағйирёбии интиҳоӣ) ба муҳити зист овардан ё дар он пайдо шудани унсурҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологие, ки одатан ба он хос нестанд;

- **таъмини амнияти экологӣ** - маҷмуи тадбирҳо оид ба пешгирии пайдоиш ва густариши ҳолатҳои хатарноки экологӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097);

- **муҳити зист** - маҷмуи ҷузъҳои табиат (ҳавои атмосфера, об, хок, қаъри замин, олами наботот ва ҳайвонот) ва ландшафт, ёдгориҳои табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва дигар объектҳои моддӣ, ки ба сифати ҳаёт, шароити фаъолият ва вазъи саломатии инсон ва (ё) амали мутақобилаи ин ҷузъҳо таъсир мерасонанд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097);

- **ҳифзи муҳити зист** - маҷмуи тадбирҳои байналмилалӣ, давлатӣ ва минтақавӣ, маъмурию хоҷагидорӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ ва ҷамъиятӣ, ки ба ҳифз, истифодаи оқилона ва барқарорсозии муҳити зист равона карда шудаанд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097);

- **истифодабарандагони табиат** - шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолиятро мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, дар пешбурди он захираҳои табииро истифода мебаранд ва (ё) бо амалисозии он ба муҳити зист таъсир мерасонанд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- **системаи мониторинги экологӣ** – маҷмуи сохторҳои идоракунӣ, иқтидор ва воситаҳо, ҳамчунин захираҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва субъектҳои дигари мониторинг, ки ба ваколатҳои онҳо ҳалли масъалаҳои ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ дохил мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097);

- **ҳолати фавқулоддаи экологӣ** - ҳолати хатарноки экологӣ, ки ба мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин муҳити зист фавран андешидани тадбирҳои таъҷилиро барои рафъи он талаб менамояд;

- **амнияти экологӣ** - ҳолати муҳофизавии манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон, ҷамъият, муҳити зист аз хатарҳои дар натиҷаи таъсирҳои антропогенӣ ва табиӣ пайдошаванда;

- **ҳолати хатарноки экологӣ** - ҳолате, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ ва табиӣ, аз ҷумла бар асари офату фалокатҳои табиӣ муҳити зист хароб гардидааст ё эҳтимоли хароб шудан дорад ва ё тағйир ёфта, ба вазъияти бад афтодааст ва вобаста ба ин ба манфиатҳои ҳаётан муҳими инсон ва ҷамъият хатар таҳдид мекунад;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- **мониторинги экологӣ** - маҷмуи тадбирҳо оид ба гузаронидани мушоҳида, арзёбӣ, пешгӯии ҳолати ҷузъҳои алоҳидаи муҳити зист, маҷмааҳои ҳудудҳои табиӣ, объектҳои табиӣ ва табиию антропогенӣ, омилҳои табиӣ ва антропогении таъсир ба онҳо ва манбаъҳои ташаккулёбии онҳо дар асоси ченкунии нишондодҳои миқдорӣ ва сифатии ифлосшавии онҳо (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

## Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мониторинги экологӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мониторинги экологӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

## Моддаи 3. Мақсад ва вазифаҳои мониторинги экологӣ

1. Мониторинги экологӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- мушоҳидаи ҳолати муҳити зист, аз он ҷумла ҳолати муҳити зист дар минтақаҳои воқеъи манбаъҳои таъсири антропогенӣ ва таъсири ин манбаъҳо ба муҳити зист;

- арзёбӣ ва пешгӯии тағйири ҳолати муҳити зист зери таъсири омилҳои антропогенӣ ва табиӣ;

- таъмини талаботи давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба иттилооти эътимоднок дар бораи ҳолати муҳити зист ва тағйирёбии он, ки барои рафъ ва (ё) кам намудани оқибати ногувори чунин тағйирёбиҳо зарур аст.

2. Вазифаҳои мониторинги экологӣ инҳоянд:

- ба роҳ мондани мушоҳидаҳои мунтазами ҳолати объектҳои мониторинги экологӣ;

- созмон додани махзани иттилоотии маълумот дар бораи объектҳои мушоҳидашаванда;

- арзёбии нишондиҳандаҳои ҳолат ва мукаммалии функсионалии маҷмааҳои табиӣ, муҳити зист ва вазъи саломатии инсон;

- пешгӯии тағйирёбии ҳолати объектҳои мушоҳидашаванда;

- таҳияи барномаҳо, пешниҳодот ва тадбирҳо дар бораи рафъи оқибати ногувори таъсир ба муҳити зист;

- иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳолати муҳити зист.

## Моддаи 4. Объектҳо ва субъектҳои мониторинги экологӣ

1. Объектҳои мониторинги экологӣ аз инҳо иборатанд:

- манбаъҳои таъсири антропогенӣ ба муҳити зист;

- объектҳо ва минтақаҳои махсуси муҳити зист (ҳавои атмосфера, об, хок, қаъри замин, объектҳои хоҷагии ҷангал ва дигар объектҳои табиӣ, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда);

- гурӯҳҳои аҳолӣ, ки таъсири манфии омилҳои муҳити зистро ҳис менамоянд.

2. Субъектҳои мониторинги экологӣ аз инҳо иборатанд:

- мақои ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- истифодабарандагони табиат.

3. Мониторинги экологӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва маҳдуд (объектӣ) дар андозае, ки барои гирифтани иттилооти пурра ва эътимоднок дар бораи муҳити зист ва ҳолати экологӣ, инчунин чараёни тағйирёбии онҳо зарур аст, ба роҳ монда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

## Моддаи 5. Принсипҳои асосии ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ

Принсипҳои асосии ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ инҳоянд:

- мунтазамии мушоҳидаҳо дар ҳаҷми зарурӣ ва кофӣ;

- фаврӣ гузаронидани мушоҳидаҳо дар ҳолатҳои фавкулодда;

- ягонагӣ ва муқоисашавандагии усулҳои мушоҳида ва назорати ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва интишори иттилооти дастрасшуда;

- эътимоднокии иттилоот дар бораи ҳолати объектҳои мониторинги экологӣ ва дастрасии он барои муштариён;

- коллегиали будан дар пешгӯии натиҷаҳои мониторинги экологӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қарорҳои идоракунӣ;

- ҳамоҳангии амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- баҳисобгирии маълумоти мониторинги экологӣ ҳангоми таҳия, ташаккул ва амалигардонии стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба роҳ мондани мониторинги экологӣ ҳангоми фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба муҳити зист таъсири мустақим ё ғайримустақим мерасонанд, риояи

қатъии талабот доир ба таъмини мониторинги экологӣ аз тарафи ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо, аз он ҷумла фаъолияти марбут ба ҳифзи табиат;

- таъмини бокафолати мониторинги экологӣ аз ҳисоби захираҳои молиявӣ ва моддию техникии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолияти ба муҳити зист таъсиррасонандаро амалӣ мегардонанд.

## БОБИ 2. ТАШКИЛИ СИСТЕМАИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ МОНИТОРИНГИ ЭКОЛОГӢ

### Моддаи 6. Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологӣ

1. Мониторинги экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

2. Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зерсистемаҳои зерин иборат мебошад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097):

- мониторинги давлатии обуҳавосанҷӣ;

- мониторинги давлатии вазъ ва ифлосшавии муҳити зист;

- мониторинги давлатии ҳавои атмосфера;

- мониторинги давлатии объектҳои олами наботот;

- мониторинги давлатии объектҳои олами ҳайвонот;

- мониторинги давлатии фонди шикори ҳайвонот ва муҳити маскуни онҳо;

- мониторинги давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- мониторинги давлатии пиряххо (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

3. Асоси Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зерсистемаҳои функсионалӣ ва маҳаллии мониторинги экологии дар заминаи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонёфта иборат мебошад, ки барои ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ ваколатдоранд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти зерсистемаҳои идоравӣ ва функсионалӣ ва муттаҳиднамоии онҳоро дар Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ амалӣ месозад.

4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб, шакл ва мӯҳлатҳои пешниҳоди захираҳои иттилоотиро ба Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи субъектҳои мониторинги экологӣ ва тартиби истифодаи маълумоти ин системаро муайян месозад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

5. Маълумоти мониторинги экологӣ, ки ба иттилооти экологӣ мансуб аст, махфӣ буда наметавонад. Дастрасии маҳдуди вобаста ба зарурати таъмини сирри давлатиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

### Моддаи 7. Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади қайди объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

2. Тартиби пешбурди Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми давлатие, ки онро амалӣ менамояд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ истифодабарандагони табиатро дар бораи мансубияти объектҳои тобеи он ба Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи пешниҳоди огоҳнома (амрия) хабардор менамояд.

4. Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати қитъаҳои намунавӣ ва нуқтаҳои пойгоҳӣ барои арзёбии сифати муҳити зист ворид карда мешаванд.

### Моддаи 8. Истифодаи захираҳои иттилоотии мониторинги экологӣ

Захираҳои иттилоотии мониторинги экологӣ барои истифодаи мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми қабули қарорҳо доир ба масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ дар ҳолатҳои зерин заруранд:

- ҳангоми тайёр намудани пешгӯиҳо ва таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз он ҷумла барномаҳои давлатӣ ва маҳаллии экологӣ, инвеститсионӣ ва дигар барномаҳо;

- ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ ва меъморӣ, аз он ҷумла нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳо;

- ҳангоми қабули қарорҳо доир ба сохтмони объектҳои калони хоҷагидорӣ;

- ҳангоми пешбурди намудҳои алоҳидаи кадастрҳои давлатии захираҳои табиӣ;

- ҳангоми тайёр намудани маърӯзаҳои давлатӣ доир ба ҳолати муҳити зист ва таъсири он ба вазъи саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои истифодабарии табиат, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ, инчунин маблағгузории тадбирҳо ва барномаҳои беҳдошти муҳити зист ва аҳолие, ки дар ҳудудҳои дорои мақоми махсуси экологӣ зиндагӣ менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

## БОБИ 3. САЛОҲИЯТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МОНИТОРИНГИ ЭКОЛОГӢ

### Моддаи 9. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мониторинги экологӣ

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мониторинги экологӣ инҳоянд:

- мақоми ваколатдори давлатиро оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ муайян менамояд;

- фаъолияти мақоми давлатиро, ки ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ ваколатдор аст, ҳамоҳанг месозад;

- таҳия ва иҷрои барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявиро доир ба мониторинги экологӣ ташкил менамояд;

- тартиби пешбурди Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд;

- тартиби муттаҳидсозии захираҳои иттилоотии субъектҳои мониторинги экологиро дар Системаи ягонаи давлатии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва истифодабарии онҳоро муайян менамояд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*

- оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ маълумоти мониторинги экологӣ, маводи таҳлилӣ ва дигар иттилооти экологиро мегирад ва онҳоро ҳангоми қабули қарорҳо доир ба беҳдошти аҳолӣ ва муҳити зист, таъмини амнияти экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ истифода мебарад;

- салоҳияти дигарро дар соҳаи мониторинги экологӣ мувофиқи қонунгузорӣ амалӣ менамояд.

## Моддаи 10. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ мебошад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои зерин мебошад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120, аз 13.11.2024* № 2097*)*:

- мониторинги объектҳои муҳити табиии дахлдорро мустақилона ташкил ва амалӣ мегардонад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- дар ташкил ва гузаронидани мониторинги давлатии объектҳои об иштирок менамояд;

- объектҳои мониторинги экологии давлатиро дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ муайян менамояд;

- тадқиқотро доир ба мониторинги экологӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва услубии аз ҷиҳати ягонагии услубҳо, тарзҳо ва нишондиҳандаҳои мувофиқашудае ташкил менамоянд, ки дар асоси онҳо маълумот дар бораи ҳолати объектҳои мониторинги экологӣ ҷамъоварӣ ва таҳқиқ карда мешавад;

- тартиби пешниҳоди ҳатмии маълумоти ҳуҷҷатшудаи мониторинги экологиро ба маълумоти истифодабарандагони табиат мерасонад;

- пешбурди махзанҳои махсуси маълумоти мониторинги экологиро ташкил ва таъмин менамояд;

- арзёбии маълумоти мониторинги экологиро оид ба набудани маълумоте, ки тибқи қонунгузорӣ ба категорияи интишори маҳдуд мансуб аст, ташкил менамояд;

- мубодилаи иттилоотиро бо дигар мақомоти давлатӣ амалӣ мегардонад;

- талаботи тахассусиро оид ба ҳайати кормандоне, ки гузаронидани мониторинги экологиро таъмин менамоянд, муқаррар мекунад;

- омӯзишу таълими мутахассисонро барои кор дар соҳаи мониторинги экологӣ ташкил менамояд;

- барои ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ супоришҳои дахлдор медиҳад;

- мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аҳолиро дар бораи ҳолати муҳити зист дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти эътимодноки иттилооти экологӣ хабардор менамояд;

- ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

## Моддаи 11. Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон дар системаи мониторинги экологӣ

*(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ барои гирифтани иттилооти пурра ва эътимодноки ҳолати муҳити зист муроҷиат намоянд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ вазифадор аст, ки бо тартиби муқарраргардида шикоят ва аризаҳои шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар бораи ҳолати муҳити зист баррасӣ намояд ва онҳоро аз натиҷаи баррасӣ ва тадбирҳои қабулгардида огоҳ созад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

3. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқ доранд ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ бо пешниҳодҳо доир ба муқаррар намудани объектҳои иловагии мониторинги экологӣ муроҷиат намоянд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

4. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар гузаронидани мониторинги экологӣ аз ҳисоби маблағи худ ё маблағҳои дигари тибқи қонунгузорӣ пешбинишуда иштирок намоянд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

5. Маълумоти мониторинги экологии аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба даст овардашуда, ки ҷавобгӯи талабот нисбат ба захираҳои иттилоотӣ мебошад, ба феҳристи объектҳои мониторинги экологӣ ворид карда мешавад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

# БОБИ 4. ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ МОНИТОРИНГИ ЭКОЛОГӢ

## Моддаи 12. Уҳдадориҳои субъектҳои мониторинги экологӣ

*(Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 № 2097)*

1. Субъектҳои мониторинги экологӣ нисбати объектҳояшон, ки ба Феҳристи давлатии объектҳои мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, уҳдадоранд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 № 2097*):

- мониторинги маҳаллии манбаъҳои таъсири антропогениро ба муҳити зисти табиӣ ташкил намоянд ва гузаронанд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- ташкили заминаи зарурии моддию техникии мониторинги экологиро таъмин намоянд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*;

- мониторинги маҳаллиро бо истифода аз усулу воситаҳои тасдиқшудаи тибқи қонунгузорӣ муқарраргардида, ки ягонагии ченкуниҳоро таъмин менамояд, ба роҳ монанд;

- шахсони мансабдори масъули гузаронидани мониторинги экологии маҳаллиро муайян ва тайёрии касбии онҳоро мувофиқи талаботи тахассусии муқарраргардида таъмин намоянд;

- ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маълумоти ҳуҷҷатшудаи мониторинги экологии маҳаллиро дар мухлат ва ҳаҷми муқарраргардида ройгон пешниҳод намоянд (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024 № 2097*).

2. Истифодабарандагони табиат ва (ё) шахсони ҳуқуқии аз тарафи онҳо ҷалбшуда мониторинги экологии маҳаллиро аз рӯи барномаҳое, ки аз тарафи худи онҳо тибқи талаботи муқарраргардида таҳия гардида, бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ мувофиқа шудаанд, амалӣ мегардонанд.

хорич карда шуд *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

## Моддаи 13. Мониторинги экологӣ дар ҳудудҳои дорои мақоми махсуси экологӣ

1. Дар ҳудудҳои дорои мақоми махсуси экологӣ (минтақаи ҳолати фавқулоддаи экологӣ, минтақаи ҳолати хатарноки экологӣ) мониторинги экологӣ қисми таркибии барномаҳои беҳдошти минтақа мебошад *(Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1120)*.

2. Мониторинги экологӣ дар объектҳое, ки нисбати онҳо қарори мансубият ба ҳудудҳои дорои мақоми махсуси экологӣ қабул шудааст, дар ҳаҷми барои арзёбии самараноки пурра ва эътимодноки тадбирҳо ва барномаҳои иҷрошавандаи ҳифзи табиат кифоя гузаронида мешавад.

## Моддаи 14. Мониторинги экологӣ дар воҳидҳои марзию маъмурии пӯшида

1. Мониторинги экологӣ дар воҳидҳои марзию маъмурии пӯшида қисми таркибии мониторинги экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Мониторинги экологӣ дар воҳидҳои марзию маъмурии пӯшида бо назардошти талаботи тибқи қонунгузорӣ муайянгардида амалӣ карда мешавад.

## Моддаи 15. Мониторинги экологӣ дар объектҳои ҳарбӣ ва мудофиавӣ

Дар объектҳои ҳарбӣ ва мудофиавӣ, инчунин дар ҷамъомадҳо ва машқҳои ҳарбӣ, ҳангоми ҷойгиронии қӯшун ва техникаи ҳарбӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон

мониторинги экологӣ бо назардошти талаботи муайянкардаи қонунгузорӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 16. Мониторинги экологӣ ҳангоми огоҳнамоӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда

1. Дар объектҳое, ки ба Феҳристи давлатии объектҳои хатарнок ворид шудаанд, мониторинги экологии ҳолати онҳо аз рӯи нишондодҳои дахлдор бо ин объектҳо, инчунин мониторинги экологии омилҳои берунае, ки имконияти сарзании ҳолатҳои фавқулоддаро доранд, ташкил ва амалӣ карда мешавад.

2. Ҳангоми сар задани ҳодисаҳои фавқулодда мониторинги экологии объектҳои табиӣ ва дигар объектҳое, ки дар минтақаи зери таъсири ҳодисаҳои фавқулодда ва паҳншавии оқибатҳои номусоиди онҳоянд, гузаронида мешавад.

### Моддаи 17. Мониторинги экологии партовҳои хатарнок

1. Мониторинги экологӣ дар ҳамаи зинаҳои муносибат бо партовҳои хатарнок (ғуншавӣ, интиқол, безараргардонӣ, истифода, гӯркунӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад.

2. Мониторинги экологиро шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки амалиёти дахлдорро вобаста ба муносибат бо партовҳои хатарнок мегузаронанд, амалӣ мегардонанд, ба шарте ки дар шартномаи миёни онҳо бо истеҳсолкунанда ё молики партовҳои хатарнок тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

### Моддаи 18. Мониторинги экологӣ ва экспертизаи давлатии экологӣ

Дар ҳуҷҷатҳои ба экспертизаи давлатии экологӣ пешниҳодшуда доир ба тадбирҳои мансуб ба истифодабарии табиат, ки амалӣ намудани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, бахши алоҳида оид ба мониторинги экологӣ ҳатмист. Дар объектҳои экспертизаи давлатии экологӣ, ки ҳамзамон объектҳои мониторинги экологӣ мебошанд (пурра ё қисман), пуррагӣ ва эътимоднокии иттилооти ба экспертиза пешниҳодшуда бо истифодаи захираҳои иттилооти дахлдор, ки дар системаи мониторинги экологӣ мавҷуд аст, таъмин карда мешавад.

### Моддаи 19. Маблағгузории тадбирҳо оид ба ташкил ва гузаронидани мониторинги экологӣ

1. Маблағгузории ташкили мониторинги экологӣ дар доираи иҷрои барномаҳои ҷумҳуриявии мақсаднок ва маҳаллӣ аз буҷети дахлдор ва фондҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

2. Мониторинги экологии манбаъҳои ифлоскунандаи муҳити зист, ки моликияти коммуналӣ мебошанд, аз ҳисоби корхонаҳоистифодабарандагони табиати дар ҳудуди ҳамин воҳидҳои марзию маъмурӣ ҷойгиршуда маблағгузорӣ карда мешавад.

3. Мониторинги экологии объектҳои табиӣ ва дигар объектҳои дар ихтиёри шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набуда, инчунин гузаронидани мониторинги экологии ҳолати муҳити зист, вазъи саломатии аҳолӣ дар ҳаҷми барномаҳои ҷумҳуриявии мақсаднок пешбинишуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва дигар манбаъҳои пешбиникардаи қонунгузорӣ маблағгузорӣ карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 13.11.2024* № 2097).

### Моддаи 20. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мониторинги экологӣ

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мониторинги экологӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба роҳ монда мешавад.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 21. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш.Душанбе**
**25 марти соли 2011 № 707**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мониторинги экологӣ"

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мониторинги экологӣ" қабул карда шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Зуҳуров**

**ш. Душанбе, 16 феврали соли 2011, № 319**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мониторинги экологӣ"

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Дар бораи мониторинги экологӣ" баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мониторинги экологӣ" ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Убайдуллоев**
**ш.Душанбе, 11 марти соли 2011 № 147**